**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкилу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.

**Муҳиммияти таҳқиқот.** Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, солҳои 2021-2025 марҳилаи рушди суръатноке мебошад, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст. Қайд қардан ба маврид аст, ки дар Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор барои давраи солҳои 2007-2030, ки 1 октябри соли 2007, таҳти №500 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, дурнамои рушди иқтисодиёти мамлакат дар пояи мавҷудияти иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ тарҳрезӣ шудааст ва дар он инчунин маҷмуи тадбирҳое, ки ба дастгирии сохтмони НБО равона карда шудаанд, баррасӣ гардидааст. Вобаста ба ин равандҳои асосии сиёсати сармоягузории давлатӣ такмил меёбад, ки бояд ба болоравии сатҳу сифати самарабахши танзими давлатии фаълияти сармоягузорӣ дар бахши гидроэнергетика мусоидат намояд.

Қобили қайд аст, ки соҳаи гидроэнергетикаи мамлакат аслан ба бахши давлатии иқтисодиёт дохил мешавад. Бинобар он, ин соҳа зери назорати давлат қарор гирифта, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ бо таъмини низоми мукаммали ҳавасмандгардонӣ яке аз воситаҳои муҳими ташкиливу иқтисодии идораву танзими фаъолияти сармоягузорӣ маҳсуб мешавад.

Диссертант ботафсил равандҳои татбиқи вазифаҳои сершумори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, ба монанди: таҳлил, мониторинг, ояндабинӣ; банақшагирии стратегӣ, ҷорӣ ва амалиётӣ; тартиби тасҳеҳ ва танзими фаъолияти сармоягузорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Диссертант ба фарқияти назарраси мазмуни мушаххаси ин функсияҳо вобаста ба дараҷаи субъекти идоракунии сармоягузорӣ (дар сатҳи давлат ва минтақаву соҳаҳо, корхонаҳои алоҳидаи комплекси гидроэнергетикӣ) ба таври ҷиддӣ диққат додааст. Аз ҷумла дар автореферат таъкид шудааст, ки аксари иншоотҳои гидроэлектроэнергетикии мамлакат дар вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд ва дар солҳои 2016-2020 аз 24 лоиҳаи сармоягузорӣ дар вилоят аз 252 ҳазор сомонӣ шуруъ гардида, то 17,5 млн. сомонӣ баробар мебошад. Бинобар он, ки барои сармоягузорӣ муҳлати бозгашти сармоя муҳим мебошад, муаллиф муҳлати дисконтии бозгашти лоиҳаҳои сармоягузории чандин лоиҳа, аз он ҷумла сармоягузорӣ барои сохтмони НБО бо иқтидори 1360 кВА дар маҷрои дарёи Вахш дар ҳудуди ноҳияи Ҷиликӯлро, ки дар ҳаҷми 12540 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст, ҳисоб кардааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонад, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёби мегарданд.

1. Диссертант барои омӯхтани асосҳои илмию назариявии такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвестисионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон бояд бештар ба ақидаҳои олимони ватанӣ такя мекард, зеро дар кори мазкур ақидаҳои олимони ватанӣ кам мушоҳида мегарданд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъи дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқотро таъғйир намедиҳанд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкилу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод гардидааст, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Тақризнавис,
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тағоев Ҷ.Ҳ.

Тагоев Ҷамахон Ҳамроевич
Тел: (+992) 918-90-68-73
E-mail: tagoev_d@mail.ru

**Имзои Тағоев Ҷ.Ҳ.– ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
"01" 02 2024 — Тавқиев Э.Ш.